ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф

# МЕТОДИКАИ ИСТИФОДАИ КИТОБИ ДАРСИИ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ (СИНФИ 5)

## Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик

МОДУЛИ

4

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

# МОДУЛИ 4

## МЕТОДИКАИ ИСТИФОДАИ КИТОБИ ДАРСИИ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ (СИНФИ 5)

**Модули таълимӣ барои омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик**

**Душанбе 2026**

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-5 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттибон:** Бибиҷон Умарова, Фаросат Олимова, Сафарбек Собирзода, Изатулло Раҳимов

**Муҳаррир:** Сафарбек Собирзода

**Муқарризон:**

| | |
|---|---|
| Ҷ. Ҳакимова, | сармутахассиси шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон |
| Ҳ. Ҳалимова, | омӯзгори кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф |

Модули мазкур барои омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ дар синфи 5 нигаронида шуда, ҳадафи асосии он баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон дар истифодаи самараноки китоби дарсии насли нав мебошад, ки ба беҳтар шудани натиҷаҳои таълимии хонандагон мусоидат мекунад.

Дар раванди омӯзиш, иштирокчиён бо маводди таълимии насли нав шинос шуда, вазифа ва мақоми онро дар таълим меомӯзанд. Модули мазкур панҷ марҳилаи рушди салоҳиятро, ки асоси таҳияи маводди нав мебошанд, шарҳ дода, нақши омӯзгор ва хонандаро дар ҳар як марҳила равшан месозад. Иштирокчиён фарқияти байни маводди таълимии анъанавӣ ва нав, ҳамчунин шаклҳои гуногуни воситаи таълими анъанавӣ ва насли навро таҳлил мекунанд.

Модули мазкур омӯзгоронро ба сӯйи дарки амиқ ва истифодаи эҷодии маводди таълимии муосир раҳнамоӣ мекунад, то ки онҳо тавонанд муҳити таълимии фаъол, ба рушди салоҳиятҳо нигаронида ва хонандагонро ташвиқкунанда фароҳам оваранд.

**Мундарича**


Пешгуфтор ...................................................................................................... 4

1 Истифодаи самараноки китоби дарсии насли нав.................................................. 5

2 Машғулияти муқаддимавӣ. Мазмун ва моҳияти маводи нави таълимӣ.................. 6

Адабиёт ва сарчашмаҳо........................................................................................ 30

## ПЕШГУФТОР

Дар шароити навсозии низоми таҳсилоти умумӣ, зарурати таҳияи маводди таълимии ба рушди салоҳиятҳо асосёфта ва баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон аҳамияти хоса пайдо кардааст. Таълими фанни забони тоҷикӣ дар синфи 5 бояд на танҳо донишҳои забонӣ, балки салоҳиятҳои муҳими муоширатӣ, таҳлилӣ ва эҷодиро низ рушд диҳад. Бо ин мақсад, китоби дарсии насли нав таҳия гардида, ба принсипҳои муносибати босалоҳият такя мекунад.

Модули таълимии мазкур омӯзгоронро бо намудҳои маводи таълимии нав, панҷ марҳилаи рушди салоҳият ва фарқияти байни дарси анъанавӣ ва шакли нави дарс шинос мекунад. Иштирокчиён нақши омӯзгор ва хонандаро дар ҳар марҳила таҳлил намуда, истифодаи самараноки маводди навро меомӯзанд.

Иштирокчиён бо маводди модул шинос шуда, ҳамчунин ба ҳайси хонанда низ амал мекунанд. Дарсҳои намоишие, ки таҳия шудаанд, доир ба 5 марҳилаи рушди салоҳият мебошанд. Аз баррасии маводди модул шумо дарк мекунед, ки ҳангоми истифодаи китоби дарсии насли нав аз фанни «Забони тоҷикӣ» нақши омӯзгор ва нақши хонанда аз чиҳо иборат аст.

# МАВЗУИ 1

## Истифодаи самараноки китоби дарсии насли нав

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Намудҳои маводи таълимии насли нав: китоби дарсӣ, дафтари хонанда, варақаҳои корӣ, маводи мултимедиявӣ ва мақоми ҳар кадом дар раванди таълим.
- Панҷ марҳилаи рушди салоҳият: шиносоӣ, дарк, татбиқ, таҳлил, эҷод ва моҳият, пайдарпайӣ ва мақоми онҳо дар ташаккули салоҳиятҳои хонанда.
- Нақши омӯзгор ва хонанда дар ҳар марҳилаи таълим: роҳнамоӣ, фаъолсозӣ, мушоҳида, арзёбӣ ва дастгирии фардӣ.
- Фарқияти байни маводди анъанавӣ ва маводи муносибати босалоҳият: мазмун, сохтор, равиш ва натиҷаҳои интизоршаванда.

**Чиро бояд тавонем?**

- Шинохт ва тавсифи намудҳои маводи таълимии нав ва мақоми онҳо дар таълим.
- Таҳлили панҷ марҳилаи рушди салоҳият ва пайваст кардани онҳо бо амалияи дарсгузаронӣ.
- Муқоисаи дарси анъанавӣ ва дарси муносибати босалоҳият бо мисолҳои мушаххас.
- Тарҳрезии як дарси намунавӣ бо истифода аз маводди нав ва риояи марҳилаҳои салоҳият.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

- Дар кадоме аз марҳилаҳои таълимӣ шумо бештар мушкилӣ ё номувофиқатӣ мушоҳида мекунед?
- Панҷ марҳилаи рушди салоҳият дар амал чӣ гуна ба назар мерасанд? Кадом марҳила бештар таваҷҷуҳ мехоҳад?
- Нақши омӯзгор дар муносибати босалоҳият ба таълим чӣ гуна тағйир меёбад?
- Чӣ гуна маводди нав метавонад шавқи хонандагонро зиёд ва ба натиҷаҳои беҳтари таълимӣ мусоидат намояд?
- Дар таҷрибаи шумо кадом шаклҳои нави дарс аллакай истифода мешаванд? Барои густариши онҳо ба кадом навъи дастгириҳо ниёз доред?

## НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

Пас аз омӯзиши модул шумо метавонед:

1. Намудҳои маводди таълимии насли нав ва вазифаҳои онҳоро дар раванди омӯзиш аз ҷониби хонандагону омӯзгорон донед.
2. Панҷ марҳилаи рушди салоҳиятро, ки дар асоси онҳо маводди таълимӣ таҳия шудааст, тавсиф намоед.
3. Нақши омӯзгор ва хонандаро дар ҳар як марҳила шарҳ диҳед.
4. Маводи таълимии анъанавӣ ва нав, инчунин дарси анъанавӣ ва шакли нави дарсро аз ҳам фарқ кунед.

# Муқаддима

Ҳар яки мо ҳамчун омӯзгор шахсоне мебошем, ки ҳар рӯз мекӯшем муҳити таълимиро барои кӯдакон беҳтар созем. Мо бо насли нав кор мекунем — бо кӯдаконе, ки дар ҷаҳони пуртағйир ва пуршитоб зиндагӣ мекунанд, фикрронӣ ва ниёзҳои дигар доранд. Он усулҳое, ки моро таълим медоданд, имрӯз на ҳама вақт самара медиҳанд. Китобҳои дарсӣ, барномаҳо ва равишҳои анъанавӣ наметавонанд ҷавобгӯйи ҳама интизориҳои хонандагони муосир бошанд.

Модул ба мо имкон медиҳад, ки на танҳо маводди нави таълимиро биомӯзем, балки дар бораи нақши худ ҳамчун омӯзгор андеша кунем. Мо дар ин машғулият дар бораи «чӣ тавр бояд бошад» баҳс намекунем, мо якҷоя фикр мекунем, ки чаро баъзан муваффақ намешавем, чӣ монеа вуҷуд дорад ва кадом дигаргуниҳо аллакай оғоз ёфтаанд.

Ин гуфтугӯ дар бораи синфи шумо, хонандагони шумо ва таҷрибаи воқеии шумост. Муҳим он аст, ки омӯзгор дар ин раванд чӣ гуна нақш мебозад - роҳнамо, ҳамкор ва ташаббускори тағйирот.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Маводи таълимии насли нав** - маводест, ки дар асоси принсипҳои муносибати босалоҳият ба таълим таҳия шуда, ба рушди тафаккури интиқодӣ, эҷодӣ, муошират ва ҳамкорӣ мусоидат мекунад. Он аз китоб, дастури омӯзгор, варақаҳои корӣ ва маводи иловагӣ иборат аст.

**Панҷ марҳилаи рушди салоҳият** - кӯшиш, мушоҳида, хулосабарорӣ, татбиқ ва мулоҳизаронӣ - пайдарпайии равандест, ки хонандагонро аз гирифтани дониш то истифодаи эҷодии он мебарад. Ҳар марҳила нақши мушаххаси омӯзгор ва хонандаро талаб мекунад.

**Нақши омӯзгор дар асоси муносибати босалоҳият** - Омӯзгор дигар танҳо манбаи дониш нест, балки роҳнамо, ташкилкунанда ва арзёбикунандаи раванди таълим аст. Ӯ муҳити фаъолро фароҳам меорад ва хонандаро ба андешаронӣ, саволгузорӣ ва эҷодкорӣ ҳидоят мекунад.

**Нақши хонанда дар таълими муносибати босалоҳият** - Хонанда субъекти фаъол аст, ки дар ҷустуҷӯйи дониш, ҳалли масъалаҳо ва ифодаи андеша иштирок мекунад. Ӯ масъулияти бештар мегирад ва дар раванди таълим саҳмгузор мешавад.

**Фарқияти дарси анъанавӣ ва дарси ба рушди салоҳиятҳо нигаронидашуда** - Дарси анъанавӣ бештар ба интиқоли дониш равона аст, дар ҳоле ки дарси муносибати босалоҳият ба рушди малакаҳо ва салоҳиятҳо таваҷҷуҳ мекунад. Дарс шакли интерактивӣ, вазъиятсозӣ ва кори гурӯҳиро дар бар мегирад.

# МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Намудҳои маводи таълимии насли нав ва вазифаҳои онҳоро дар раванди омӯзиш аз ҷониби хонандагону омӯзгорон донед.
2. Панҷ марҳилаи рушди салоҳиятро, ки дар асоси онҳо маводи таълимӣ таҳия шудааст, тавсиф намоед.



## АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

*Супориш ба гурӯҳ: саволҳоро муҳокима карда, посухҳояшро нависед*

| САВОЛ | ҶАВОБ |
|---|---|
| **Саволи 1:** Шумо аз ин тренинг чиро интизоред? Барои беҳтар кардани таълими забони тоҷикӣ дар синфи 5 бо истифода аз китобҳои нави дарсӣ чӣ гуна дониш, малака ва идеяҳои мушаххас ба даст овардан мехоҳед? | |
| **Саволи 2:** Рӯйхати интизорӣ, саволҳо ва нигарониҳои худро бо ҳамкорони гурӯҳи хурди худ муҳокима кунед. Оё ягон нуктаи умумӣ вуҷуд дорад? Оё интизориҳои шумо гуногунанд? | |
| **Саволи 3:** Андешаҳои худро бо гурӯҳҳои дигар мубодила кунед. Кадом мавзуъ ё саволҳои умумӣ дар байни иштирокчиён ба миён меоянд? | |

**Дарс аз рӯйи 5 марҳила**

- Дар ин қисми тренинг, шумо ҳамчун хонанда амал мекунед ва тренератон ҳамчун омӯзгор баромад мекунанд. Тренер аз маводи омӯзгор истифода мекунад ва шумо аз маводи хонанда, ки намунаҳо дар зер оварда шудаанд, истифода мебаред. Лутфан, то ба охир расидани дарсҳои намоишӣ нақши хонандаро тарк накунед. Ҳадаф: барои шумо фаҳмидани таҷрибаи хонанда, «эҳсос кардан»-и маводи насли нав чӣ гуна кор мекунад.

- Ҳангоми иштирок дар дарсҳои намоишӣ, ки тренер мегузаронад ба он диққат диҳед, ки чӣ тавр 5 марҳилаи рушди салоҳият амалӣ мешаванд. Нақши омӯзгор дар чист? Нақши хонанда дар чист?

- Агар ҳангоми гузаронидани дарсҳо шумо савол, мушоҳида, эзоҳ дошта бошед, метавонед онҳоро дар дафтари худ нависед. Баъди дарсҳо барои муҳокима вақт ҷудо карда мешавад.

**Намуна**

## ФАСЛИ 15. ТАҲИЯИ МАТНИ ХУРД



***Кӯшиш мекунем***

- *Ба нақли омӯзгор гӯш кунед. Баъд аз он матнро мустақилона хонед.*

Дӯсти шумо – Фарҳод, сокини шаҳри Самарқанд аст. Ӯ бо падару модар ва ду хоҳараш, ки яке сесола асту дигаре панҷ сол дорад, зиндагӣ мекунад. Фарҳод тамошои ҷойҳои таърихӣ ва шаҳрҳоро хеле дӯст медорад. Ҳамчунин, аз тамошои биноҳои серошёна лаззат мебарад. Ба ӯ дар майдони футбол бозӣ кардан бо рафиқон ҳам хеле писанд аст. Фарҳод бо падару модар маслиҳат карданд, ки дар ҷашни Наврӯз ба Тоҷикистон сафар кунанд. Ӯ ба шумо хабар дод, ки онҳо аз ду шаҳр – Душанбе ва Хуҷанд, якеро бояд интихоб кунанд. Дар интихоби шаҳр шумо ба ӯ чӣ гуна ёрӣ медиҳед?

- *Оё шумо мушкилотро дарк кардед?*

**Супориши 1. Кори инфиродӣ**

Дар зер дар бораи ду шаҳр маълумот дода шудааст. Шумо метавонед, яке аз шаҳрҳоро интихоб карда, дар дафтари худ дар бораи он дар ҳаҷми як сархат матни хурде нависед, то Фарҳод барои тамошо шаҳри шуморо интихоб кунад.

| **Метавонед истифода баред:** | |
|---|---|
| Маълумот дар бораи шаҳри Душанбе | Маълумот дар бораи шаҳри Хуҷанд |
| • шумораи зиёди боғҳо;<br>• майдони футбол;<br>• майдончаҳои варзишӣ;<br>• шумораи зиёди биноҳои баландошёна. | • майдони калони варзишӣ;<br>• наздик будани «Баҳри тоҷик»;<br>• боғи Камоли Хуҷандӣ;<br>• биноҳои хуштарҳи баландошёна. |

**Супориши 2. Кори гурӯҳӣ.** Супоришҳоро иҷро кунед.

1. Дар гурӯҳҳои чорнафара (дунафарӣ) кор карда, кори худро муқоиса кунед.
2. Матнҳо дар бораи шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷандро, ки рафиқони шумо навиштаанд, хонед.
3. Агар шумо Фарҳод мебудед, дар асоси ин тавсифҳо кадом шаҳрро интихоб мекардед? Чаро?

Ман____________________________________________ интихоб мекардам, **чунки**
____________________________________________________________________
____________________________________________________________________
____________________________________________________________________

**Супориши 3. Кори инфиродӣ.** Супоришҳоро иҷро кунед.

1. Ба ёд оред, ки шумо доир ба сархат (матни хурд) чӣ омӯхта будед.
2. Кадоме аз мафҳумҳои зерро шумо пас аз калимаҳои «чунки» дар супориши 2 истифода кардед?
   - о чумлаи асосӣ;
   - о ҷумлаҳои тавзеҳӣ;
   - о маълумоти воқеӣ;
   - о хулоса.
3. Ҷавоби худро бо илова кардани маълумоти нав пурра гардонед.

Ман шаҳри ____________________________________________ интихоб мекардам, чунки______________________________________________________________
____________________________________________________________________
____________________________________________________________________

**Супориши 4. Кори гурӯҳӣ.** Супоришҳоро иҷро кунед.

1. Дар гурӯҳҳои чорнафара кор карда, ҷавобҳои худро муқоиса кунед.
2. Омӯзгор ба шумо намунаи худро мехонад. Ба хониши омӯзгор диққат диҳед. Агар хоҳед, ки Фарҳод ба шаҳри интихобкардаи шумо ояд, кадоме аз матнҳоро ба ӯ мефиристодед?
   - о Матни худамро.
   - о Матни рафиқамро.
   - о Матни пешниҳодкардаи омӯзгорро.
3. Сабаби интихоби худро нависед.

Ман матни____________________________________________ мефиристодам, чунки______________________________________________________________
____________________________________________________________________

**Супориши 5. Кори гурӯҳӣ.** Дар гурӯҳҳо роҷеъ ба мушкилоти худ ҳангоми иҷрои супориш суҳбат карда, саволе нависед, ки ба он ҷавоб гирифтан мехоҳед.
____________________________________________________________________
____________________________________________________________________
____________________________________________________________________

Чиро бояд омӯзед, ки чунин матнро навишта тавонед?
____________________________________________________________________
____________________________________________________________________
____________________________________________________________________

***Дар анҷоми фасл ба кадом савол ҷавоб гирифтан мехоҳед? Саволи калидиро нависед.***

Мо дар анҷоми ин фасл ба саволи «________________________________________
__________________________________________________?» ҷавоб гирифтан мехоҳем.

**Дар ҷадвали зерин амали хонанда ва амали омӯзгорро дар ин марҳила қайд кунед.**

| Амали хонанда | Амали омӯзгор |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |

**МУҲОКИМА.**

Ҷадвали тартибдодаатонро дар гурӯҳ муҳокима карда, ҷавоби умумиро пешниҳод намоед.

Ҷадвали тартибдодаи худро бо ҷадвали пешниҳодшуда муқоиса намуда, монандӣ ва фарқияти онҳоро шарҳ диҳед.



***Мушоҳида мекунем***

**Супориши 6.** *Кори инфиродӣ. Дар зер рӯйхати мавзуъҳо ва ҷумлаҳои асосии сарҳатҳо оварда шудаанд. Мавзуъро бо ҷумлаи асосӣ пайваст кунед.*

| | |
|---|---|
| **Шаҳри Бухоро** | Мутолиа ё хондан машғулияти муҳимму муфид аст. |
| **Умари Хайём** | Бухоро яке аз шаҳрҳои ҷолибтарини Осиёи Марказӣ мебошад. |
| **Эҳтироми калонсолон** | Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи истиқлоли давлатӣ мебошад. |
| **Модари ман** | Математика фанни дӯстдоштаи ман аст. |
| **Парчами давлатӣ** | Модари ман зани ҳунарманд аст. |
| **Аҳамияти мутолиа** | Мо бояд эҳтироми калонсолонро ба ҷо биёрем. |
| **Фанни дӯстдоштаи ман** | Умари Хайём сазовори таваҷҷуҳи ҳар як дӯстдори адабиёт аст. |

❖ **Шумо чиро мушоҳида намудед? Мавзуъ аз ҷумлаи асосӣ бо чӣ фарқ мекунад?**

**Мавзуъ –** ________________________________________________

**Ҷумлаи асосӣ –** ____________________________________________

**Супориши 7. Кори инфиродӣ.** Дар ҷадвалҳои зер ҷумлаҳои ҳар як сарҳат пароканда гузошта шудаанд. Ҷумлаҳоро бодиққат хонед ва дар сутуни дуюм нависед, ки онҳо ба кадом навъи ҷумла дар сарҳат тааллуқ доранд:

- ҷумлаи асосӣ;
- ҷумлаи тавзеҳӣ;
- хулоса.

**Ҷадвали 1**

| Ҷумла | Навъи ҷумла дар сархат |
|---|---|
| Ман дар кӯчаю хиёбонҳо сайругашт карданро дӯст медорам. | |
| Шаҳри ман хеле зебост, махсусан, бегоҳирӯзӣ, вақте ки чароғҳо фурӯзон мешаванд. | |
| Агар ба шаҳри мо омаданӣ бошед, ҳатман сайругашти атрофи шаҳрро ба нақша гиред. | |
| Бо дӯстонам зуд-зуд ба боғ меравем, то дар курсиҳои кандакоришуда нишинем ё ба чархофалак савор шавем. | |
| Ҳавои тозаи боғҳоро нафас кашидан хеле хуб аст. | |

**Ҷадвали 2**

| Ҷумла | Навъи ҷумла дар сархат |
|---|---|
| Тоҷикистони азизи мо бо чунин шаҳру водиҳои қадимаву бостонии худ машҳури ҷаҳон гаштааст. | |
| Яке аз ҳамин гуна шаҳрҳои қадима шаҳри Кӯлоб ба ҳисоб меравад, ки дар вилояти Хатлон ҷой гирифтааст. | |
| Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳру водиҳое мавҷуданд, ки таърихи куҳан дошта, бо баъзе хусусиятҳо ва ё ҷойҳои таърихиву тамошобобашон дар байни мардум шуҳрат доранд. | |
| Мардуми Кӯлобшаҳри бостонӣ хеле меҳмоннавоз ва меҳмондӯст мебошанд. | |
| Ҳунари дӯзандагии занону бонувони ин минтақа тамоми мардуми ҷумҳуриро ба ҳайрат овардааст. | |

**Ҷадвали 3**

| Ҷумла | Навъи ҷумла дар сархат |
|---|---|
| Ҳисор яке аз шаҳрҳои қадимаи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. | |
| Шаҳр начандон дуртар аз пойтахти ҷумҳурӣ ҷой дошта, манзараҳои дилфиреби зиёд дорад. | |
| Мардуми Ҳисори шодмон ҳамеша аз омадани меҳмонон шоданд. | |
| Сайёҳони зиёде аз мамлакатҳои гуногун ба ин шаҳри бостонӣ меоянд. | |
| Ин шаҳри бостонӣ, ки дар водии зархез ҷойгир аст, бо қалъаи қадимаи худ дар байни мардум шуҳрат ёфтааст. | |

**Ҷавобҳоро дар гурӯҳҳо муқоиса намоед.** Оё ягон фарқе дар ҷавобҳои шумо вуҷуд дорад? Дар паҳлуи ҷумлаҳое, ки вазифаашонро муайян карда натавонистед, аломати савол гузоред. Аз омӯзгор ёрӣ пурсед.

***Супориши 8. Кори инфиродӣ***

Дар ҷадвалҳои зер ҷумлаҳоеро, ки дар бораи адибон маълумот медиҳанд, хонед. Дар паҳлуи ҳар ҷумла, дар сутуни дуюм нависед, ки он ба кадом навъи ҷумла тааллуқ дорад: *ҷумлаи асосӣ, ҷумлаи тавзеҳӣ ё хулоса.*

**Ҷадвали 1**

| Ҷумла | Навъи ҷумла дар сархат |
|---|---|
| Яке аз асарҳои машҳури адиб, ки бозгӯйи зиндагиномаи ин устоди зиндаёд мебошад, «Ёддоштҳо»-и ӯст. | |
| Садриддин Айнӣ шоир, нависанда ва донишманди шинохта, асосгузори адабиёти навини тоҷик, академик ва аввалин президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон аст. | |
| Ӯ бо шеърҳои пурмазмуну сершумори худ низ маъруф аст. | |
| Устод Садриддин Айнӣ дар пешрафту тараққиёти забону адабиёти тоҷик саҳми арзанда дошта, бо асарҳои пурмазмунаш дар дили садҳо мардуми китобхону китобдӯст ҷо гирифтааст. | |
| Адиб тавассути асарҳои худ дар таълиму тарбияи насли наврас саҳми арзанда дорад. | |

**Ҷадвали 2**

| Ҷумла | Навъи ҷумла дар сархат |
|---|---|
| Ин шоири сулҳпарвар дар асарҳои худ сулху дӯстиро васф намуда, мардумро ба адолатпарварӣ, дӯстӣ ва некиву накукорӣ даъват менамояд. | |
| Асарҳои пурмазмуни шоир ба дигар забонҳо тарҷума шуда, мухлисони худро дар байни дигар халқҳову давлатҳо пайдо кардааст. | |
| Меҳри Мирзо Турсунзода дар дили ҳар як хонандаи тоҷик ҷой гирифтааст. | |
| Ҳар як сокини Тоҷикистон метавонад аз осори шоир намунае бихонад. | |
| Мирзо Турсунзода яке аз бузургтарин адибони тоҷик мебошад. | |

**Муқоиса.** Ҷавобҳоро дар гурӯҳҳо муқоиса намоед. Оё дар ҷавобҳо ягон тафовут ҷой дорад? Дар паҳлуи ҷумлаҳое, ки вазифаашонро муайян карда натавонистед, аломати савол гузоред. Нависед, ки ба фикри шумо, ин ҷумлаҳо чаро ин ё он вазифаро иҷро кардаанд.

***Супориши 9. Кори инфиродӣ***

Ба ҷумлаҳое, ки роҷеъ ба фасли тирамоҳ оварда шудаанд, нигоҳ кунед. Дар паҳлуи ҳар кадом нависед, ки он ба кадом навъи ҷумла тааллуқ дорад: *ҷумлаи асосӣ, ҷумлаи тавзеҳӣ ё ҷумлаи хотимавӣ.*

| Ҷумла | Навъи ҷумла дар сархат |
|---|---|
| Сипас, баргҳои дарахтон бо рангҳои гуногуни худ табиатро оро медиҳанд. | ______ |
| Дар ҳар фасл табиат ба таври худ зебост. | ______ |
| Тирамоҳ яке аз фаслҳои дӯстдоштаи ман аст. | ______ |
| Тирамоҳ дар оғоз ба мо рӯзҳои офтобии зиёде мебахшад. | ______ |
| Деҳқон ҳосили худро ҷамъоварӣ менамояд ва иди Меҳргонро ҷашн мегирад. | ______ |

**Супориши 10. Кори инфиродӣ.** Супоришҳои зерро иҷро кунед:

1. Дар зери ҷумлаи асосӣ хатти рост кашед.
2. Ба матн сарлавҳа гузоред.
3. Дар зери ҷумлаҳои тавзеҳӣ хатти мавҷнок кашед ва муайян кунед, ки ҳар кадоми он дар бораи чӣ маълумот медиҳад.
4. Ҷумлаи хулосавиро ба доира гиред ва муайян кунед, ки байни онҳо кадом монандие ҳаст.

**Матни 1** ______

Дӯстӣ робитаи байни одамон аст. Он ба эҳтиром, эътимод ва дастгирии ҳамдигар асос ёфтааст. Дӯстон дар лаҳзаҳои душвор ба ҳамдигар ёрӣ расонда, дар рӯзҳои нек шодишарик мешаванд. Дӯстии ҳақиқӣ то абад давом мекунад. Дӯстӣ ба хушбахтиву хушҳолии мо мусоидат мекунад.

**Муқоиса ва муҳокима.** Ҷавобҳоро дар гурӯҳҳо муқоиса кунед. Ҷумлаҳои ҳама якхелаанд?

Агар не, муҳокима кунед. Агар шумо розӣ набошед, аз омӯзгор ёрӣ пурсед.

1. Дар зери ҷумлаи асосӣ хатти рост кашед.
2. Ба матн сарлавҳа гузоред.
3. Дар зери ҷумлаҳои тавзеҳӣ хатти мавҷнок кашед ва муайян кунед, ки ҳар кадоми онҳо дар бораи чӣ маълумот медиҳанд.
4. Ҷумлаи хулосавиро дар доира гиред ва муайян кунед, ки байни онҳо чӣ монандие ҳаст.

**Матни 2** ______

Китоб манбаи дониш ва равзана ба ҷаҳони дигар аст. Ҳар як саҳифа имконияту саргузаштҳои навро ба рӯйи мо мекушояд. Хондани китоб монанди саёҳатест, ки метавонад ҳаёти касро тағйир диҳад. Китоб моро бо воқеият ошно мегардонад. Бо мутолиаи китоби хуб ба дунёи нав ворид мешавем.

Сарлавҳа: ____________________________________________

**Ҷумлаи асосӣ** – бо қалами кабуд дар доира гиред.

**Ҷумлаи тавзеҳии №1** – пеш аз калимаи аввал рақами 1-ро гузоред.

**Ҷумлаи тавзеҳии №2** – пеш аз калимаи аввал рақами 2-ро гузоред.

**Ҷумлаи тавзеҳии №3** – пеш аз калимаи аввал рақами 3-ро гузоред.

**Ҷумлаи хулосавӣ** – бо қалами сабз дар доира гиред.

**Муқоиса ва муҳокима.** Ҷавобҳоро дар гурӯҳҳо муқоиса кунед. Ҷумлаҳои ҳама якхелаанд? Агар не, муҳокима кунед. Агар розӣ набошед, дастатонро боло бардоред, омӯзгор наздатон меояд.

1. Дар зери ҷумлаи асосӣ хатти рост кашед.
2. Ба матн сарлавҳа гузоред.
3. Дар зери ҷумлаҳои тавзеҳӣ хатти мавҷнок кашед ва муайян кунед, ки ҳар кадоми онҳо дар бораи чӣ маълумот медиҳанд.
4. Ҷумлаи хулосавиро дар доира гиред ва муайян кунед, ки байни онҳо чӣ монандие ҳаст.

**Матни 3** ____________________________________

Модар шахсест, ки ҳамеша шуморо дӯст медорад ва ғамхорӣ мекунад. Ӯ ба шумо ҳаёт мебахшад. Модар касест, ки ҳангоми ниёзмандӣ ҳамеша дастгирӣ мекунад. Ӯ дӯсти беҳтарину ғам- хори ҳар яки мост. Инсон, сарфи назар аз синну сол, ҳамеша пазмони оғӯши пурмеҳри модар мешавад.

**Муқоиса ва муҳокима.** Ҷавобҳоро дар гурӯҳҳо муқоиса кунед. Ҷумлаҳои ҳама якхелаанд? Агар не, муҳокима намоед. Агар розӣ набошед, дастатонро боло бардоред, омӯзгор наздатон меояд.

1. Дар зери ҷумлаи асосӣ хатти рост кашед.
2. Ба матн сарлавҳа гузоред.
3. Дар зери ҷумлаҳои тавзеҳӣ хатти мавҷнок кашед ва муайян кунед, ки ҳар кадоми онҳо дар бораи чӣ маълумот медиҳанд.
4. Ҷумлаи хулосавиро дар доира гиред ва муайян кунед, ки байни онҳо чӣ монандие ҳаст.

**Матни 4** ____________________________________

Падарам беҳтарин шахс дар ҳаёти ман аст. Ӯ муҳандис аст ва касбашро хеле дӯст медорад. Падарам ҳама вақт маро дастгирӣ менамояд ва дар таҳсил ба ман ёрӣ мерасонад. Ӯ оқил ва меҳрубон аст. Ман бо падари худ ифтихор дорам ва мехоҳам мисли ӯ бошам.

**Муқоиса ва муҳокима.** Ҷавобҳоро дар гурӯҳҳо муқоиса кунед. Ҷумлаҳои ҳама якхелаанд? Агар не, муҳокима кунед. Агар розӣ набошед, дастатонро боло бардоред, омӯзгор наздатон меояд.

**Супориши 11. Кори инфиродӣ.** Аз мушоҳидаи сархатҳои 1-4 чӣ омӯхтед?

*– Донистам, ки ҳар сархат дорои ҷумлаи ва ҷумлаи* ____________ *аст. Ҷумлаҳои* ______________________________ *пайдарҳам омада, ғояи асосиро пурра мекунанд.*

*– Ҷумлаи асосӣ бо мавзуъ алоқаманд аст ва ғояи асосии сархатро ифода мекунад.*

*– Ҷумлаҳои тавзеҳӣ* ____________________

**Дар ҷадвали зерин амали хонанда ва амали омӯзгорро дар ин марҳила қайд кунед.**

| Амали хонанда | Амали омӯзгор |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |

**МУҲОКИМА.**

Ҷадвали тартибдодаатонро дар гурӯҳ муҳокима карда, ҷавоби умумиро пешниҳод намоед.

Ҷадвали тартибдодаи худро бо ҷадвали пешниҳодшуда муқоиса намуда, монандӣ ва фарқияти онҳоро шарҳ диҳед.



## *Хулоса мебарорем*

*Хулосаи мо дар бораи таҳияи қадамҳои сархат:*

1. ___ муайян мекунем. Он чӣ ки сухан дар бораи он меравад.
2. ___ тартиб медиҳем. Он чи ки ман мехоҳам, роҷеъ ба мавзуи додашуда бигӯям.
3. Ҷумлаи ________________ ро менависем. Он ғояи моро роҷеъ ба __________и додашуда ҷамъбаст мекунад.
4. Се далел меорем, ки ҷумла ва ё ғояи асосии моро тасдиқ мекунад (исбот мекунад, нишон ва ё тавзеҳ).
5. Барои ҳар як далел ҷумлаи _____________________ менависем.
6. Ба ҷумла ва ё ғояи асосӣ баргашта, ба он таваҷҷуҳ мекунем, ки хонандаро ба чӣ натиҷа овардан мехостем.
7. Ифодаро дар шакли хулоса ________________________________.
8. Мо ҳама ҷумлаҳоро ба як___________________ табдил медиҳем. Барои табдил додани як ___________ дар ҷойи зарурӣ калима ва ибораҳоро илова мекунем.

**Супориши 12. Кори гурӯҳӣ.** Ба гурӯҳҳои чорнафара ҷудо шавед. Ҷавобҳои якдигарро муқоиса намоед. Дар бораи ба кадом қисм шумо савол доред?

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

**Супориши 13. Кори инфиродӣ.** Ба Супориши 5 баргардед. Оё дар он ягон маълумоте ҳаст, ки дар бораи ба қадамҳо барои таҳияи сархат ба шумо ёрӣ расонад? Кадом?

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

*Акнун шумо метавонед ба саволи калидӣ ҷавоб диҳед:*

***Саволи калидӣ: Марҳалаҳои таҳияи сархат кадомҳоянд?***

**Ғояи асосӣ: Дар таҳияи сархат тартиби қисмҳои он, ки аз ҷумлаи_____________ ҷумлаҳои _______________ ва ________________ иборат аст, риоя карда мешавад.**

**Дар ҷадвали зерин амали хонанда ва амали омӯзгорро дар ин марҳила қайд кунед.**

| Амали хонанда | Амали омӯзгор |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |

**МУҲОКИМА.**

Ҷадвали тартибдодаатонро дар гурӯҳ муҳокима карда, ҷавоби умумиро пешниҳод намоед.

Ҷадвали тартибдодаи худро бо ҷадвали пешниҳодшуда муқоиса намуда, монандӣ ва фарқияти онҳоро шарҳ диҳед.

***Татбиқ мекунем***

**Супориши 14. Кори инфиродӣ**

Ҳадафҳоеро, ки шумо бояд дар охири фасл амалӣ гардонед, баррасӣ кунед:

Дар дафтари корӣ арзёбӣ кунед, ки кадом ҳадафҳои фаслро ба даст овардед. Дар паҳлуи ҳар як ҳадаф яке аз ин аломатҳоро гузоред:

\+ (хуб);

± (на чандон хуб);

− (ҳоло ҳам мушкил дорам).

***Дар охири фасл:***

***Шумо медонед, ки:***

- дар мукаммал кардани ғояи асосӣ ҷӣ муҳим аст;
- ҷумлаҳои тавзеҳӣ бояд маълумоти мушаххасро дар бар гиранд.

***Шумо метавонед:***

- дар мавзуи додашуда ҷумлаи асосӣ созед;
- бо ёрии маълумоти иловагӣ ҷумлаҳои асосиро пурра кунед;
- барои ба итмом расондани сархат ҷумлаи хотимавӣ созед;
- сифати сархатро арзёбӣ кунед.

***Шумо мефаҳмед, ки:***

- сархат мукаммал аст ё номукаммал.

**Супориши 15. Кори гурӯҳӣ.** Ба мавзуъҳои додашуда барои сархат ҷумлаи асосӣ пешниҳод намоед.

Сарлавҳа ва ё мавзуъ: **Мактаби ман**
Ҷумлаи асосӣ:________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

Сарлавҳа ва ё мавзуъ: **Шаҳри Душанбе**
Ҷумлаи асосӣ:________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

Сарлавҳа ва ё мавзуъ: **Китоб**
Ҷумлаи асосӣ:________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

**Супориши 16. Кори инфиродӣ**

Дар зер мавзуъ ва ҷумлаҳои асосӣ дода шудаанд. Ба он 3 ҷумлаи тавзеҳӣ нависед.

**Деҳаи ман**

Деҳаи ман манзараи зебо дорад.
Ҷумлаи тавзеҳии № 1________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

Ҷумлаи тавзеҳии № 2________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

Ҷумлаи тавзеҳии № 3________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

**Супориши 17. Кори инфиродӣ**

Дар сархатҳои зер ҷумлаҳои асосӣ ва тавзеҳӣ дода шудаанд. Ҷумлаҳои хулосавиро нависед.

**Рассомӣ**

Ман рассомиро дӯст медорам. Дар дарси санъати тасвирӣ мо ба тасвир намудани расмҳои ҳархела машғул мешавем. Ба назарам, дар ин дарс маҳорати эҷодии мо хубтар мегардад. Устодамон ба мо имкон медиҳанд, ки озодона фикр карда, манзара ё ҳар ашёи дилхоҳро дар албомҳои худ тасвир намоем. Айни ҳол мо чӣ гуна тасвир кардани ашёи дилхоҳ ва истифодаи дурусти рангҳоро хуб омӯхтаем.

________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________
________________________________________________

**Мактаби ман**

Мактаби ман хонаи ман аст. Дар ин ҷо ман хондан, навиштан, ҳисоб карданро омӯхтам. Инчунин, дӯстони зиёд пайдо кардам ва бо омӯзгорони наҷиб вохӯрдам. Дар мактаб ман дарси муҳаббат ба одамон, ба ватан, ба модарро омӯхтам.

**Супориши 18. Кори инфиродӣ.** Яке аз мавзуъҳои зерро интихоб намуда сархат нависед.

– Варзиш дар ҳаёти ман;
– Дӯсти ман;
– Оилаи мо;
– Синфи ман.

**Супориши 19. Кори хонагӣ.** Ба сархати навиштаи худ дар бораи «Душанбе» («Хуҷанд») баргардед. Дар он чиро иваз кардан мехоҳед? Номбар кунед.

**Сархатти ислоҳнамудаатонро нависед.**



***Мулоҳиза мекунем***

**Супориши** 20. Кори дунафара. Дар ҳамкорӣ бо ҳамнишинатон ба саволҳои зер ҷавоб гардонед:

**Кадом қисми дарс ҷолибтар буд?**

**Шумо чиро нафаҳмидед?**

**Оё иҷро намудани супоришҳо бо рафиқатон муфид буд? Чаро?**

**Супориши 21. Кори дунафара.** Биёед, ба қоидаҳои таҳиякардаи худ баргардед.

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

❓ ***Супориши 22. Кори инфиродӣ. Ба саволи калидии фасл баргардед.***

**Супориши 23. Кори инфиродӣ.** Кори худро арзёбӣ кунед. Арзёбиатонро дар яке аз катакчаҳои мувофиқ бо гузоштани аломати ✔ ишора куноед.

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

***Дар ин фасл:***

***Ман медонам, ки:***

- дар мукаммал кардани ғояи асосӣ чӣ муҳим аст;
- ҷумлаҳои тавзеҳӣ бояд маълумоти мушаххасро дар бар гиранд.

***Ман метавонам:***

- дар мавзуи додашуда ҷумлаи асосӣ созам;
- бо ёрии маълумоти иловагӣ ҷумлаҳои асосиро пурра кунам;
- барои ба итмом расондани сархат ҷумлаи хотимавӣ созам;
- сифати сархатро арзёбӣ кунам.

***Ман мефаҳмам, ки:***

- сархат мукаммал аст ё номукаммал.

Дар асоси таҷрибаи худ ҳамчун «хонанда» дар гурӯҳ муҳокима кунед ва рӯйхати далелҳоро дар бораи аҳамияти ин марҳила тартиб диҳед. Ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед:

1. Кадом фарқиятҳои асосиро байни дарси намунавӣ ва дарси анъанавӣ, ки шумо пештар мегузаронидед, пайдо кардед?

   ______________________________________________

   ______________________________________________

   ______________________________________________

2. Нақши омӯзгор дар ин марҳила аз чӣ иборат аст ва чаро он муҳим аст?

   ______________________________________________

   ______________________________________________

   ______________________________________________

3. Амали хонанда дар ин марҳила чӣ гуна аст?

   ______________________________________________

   ______________________________________________

   ______________________________________________

Дар асоси муҳокимаи худ рӯйхати далелҳоро таҳия кунед:

- Ин марҳилаи дарс чӣ имкониятҳоро фароҳам меорад?
- Чаро он барои омӯзиши хонандагон муфид аст?
- Чаро он барои омӯзгор муҳим аст?

Далелҳо:

1.______________________________

2.______________________________

3.______________________________

4. ______________________________

5. ______________________________

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотиро бо диққат хонда, сипас сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи санҷишӣ санҷед.**

**Варақаи иттилоотӣ**

**Омӯзгорони азиз!**

Ҳамаи шумо огоҳед, ки чанд сол инҷониб дар низоми маорифи Тоҷикистон муносибати босалоҳият ба таълим ҷорист. Марҳала ба марҳала мову шумо моҳияти онро бештару хубтар дарк карда, тарзи омӯзиш ва таълимро дар иртибот ба он беҳтар мекунем. Дар такя ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва таҳқиқоти олимони дохилию хориҷӣ дар дастури мазкур тарзи нави муносибат ба таълим ва омӯзиш пешниҳод шудааст.

Масъалаи муҳим риояи муносибати босалоҳият дар дарс аст. Яъне, омӯзгор хонандагонро бо мушкилоти ҳаётие рӯ ба рӯ мекунад, ки онҳо зарурати донистан ва бартараф карда тавонистани мушкилотро дарк кунанд. Бинобар ин, дарс маҳз бо масъалагузорӣ оғоз мешавад, хонандагон кӯшиш мекунанд, ки мушкилиро ҳал кунанд, азбаски малакаи кофӣ надоранд, бо мушоҳида ҳар мавзуъро меомӯзанд, масъалаи баррасишавандаро муқоиса мекунанд, дар вазъиятҳои гуногун санҷида мебинанд, баъдан онро таҳқиқ мекунанд, қоида таҳия мекунанд, санҷида амалӣ мегардонанд. Ниҳоят, тавассути мулоҳиза (рефлексия) арзёбӣ мекунанд, ки то кадом андоза дар ҳалли масъалаи омӯхташаванда малака пайдо кардаанд. Қадамҳои чунин дарс дар зер шарҳ дода шудаанд. Аз шумо хоҳиш менамоем, ки қабл аз оғози дарс бо онҳо шинос шавед:



**КӮШИШ МЕКУНЕМ** – масъалагузорӣ (мушкили ҳалталаб)

**Масъалагузорӣ:** Дарс бо муқаддимаи мухтасар бо мақсади алоқаманд кардани мавзуи нав бо ҳаёт, бознигарии мавзуъ ва ё дониши қаблии хонанда оғоз мегардад.

Ба хонандагон барои иҷрои масъалаи ҳалталаб супориш дода мешавад. Ба онҳо вақт ҷудо мешавад, то ки бикӯшанд ва супориши додашударо иҷро кунанд. Хонандагон барои иҷрои чунин супориш душворӣ кашида, ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Онҳо кори иҷрокардаашонро муҳокима ва таҳлил мекунанд (масалан, оё онҳо аз уҳдаи ҳалли мушкилот баромада тавонистанд ё не; кадом дониш, малака ва фаҳмиш ба онҳо намерасад ва ғ.). Ин вазъият/вазифа хонандагонро водор месозад, ки саволи калидиро таҳия кунанд ва омӯзгор хонандагонро ба он роҳнамоӣ мекунад:

***Дар ин супориш барои шумо чӣ мушкил буд? Шумо дар ин бахш чиро омӯхтан мехоҳед, то ки он дар иҷрои вазифа ба шумо ёрӣ расонад?***

Хонандагон барои ҳалли муаммоҳои бамиёномада саволҳои калидиро муайян мекунанд. Баъд аз муҳокима саволи «калидӣ» аз ҷониби омӯзгор дода мешавад ва лозим меояд, ки то анҷоми омӯзиш хонандагон ба он ҷавоб гардонанд.

«***Дар ин бахш мо ба савол дар бораи ... ҷавоб медиҳем***»



**МУШОҲИДА МЕКУНЕМ** – пайдарпайиҳо, ҳалли машқҳо, роҳ ба сӯйи хулоса.

Дар ин марҳала хонандагон меъёрҳоеро, ки ҳангоми омӯзиши мавод мушоҳида кардаанд, муайян мекунанд. Ба хонандагон маҷмуи намунаҳои объекти мушаххас (масалан, овоз ва ҳарфи «ӣ») барои омӯхтани хусусият ва ё аломатҳои асосии он пешкаш карда мешавад (масалан, ҳарфи «ӣ» ҳамеша дар охири калима навишта мешавад). Истифода бурдани равишҳои гуногун, роҳнамоӣ аз тарафи омӯзгор, кушодани гиреҳ тавассути саволҳо, занҷирҳои мантиқӣ ва ғайра дар ин марҳала ёрӣ расонда метавонанд.

Дар анҷом хонандагон бо суханони худ таъриф, қоида ё стратегияеро, ки мушоҳида кардаанд, бояд таҳия намоянд (он метавонад, кушода, ё бо роҳнамо, ба мисли пур кардани холигоҳ бошад). Барои мушоҳида карда тавонистан ба хонандагони сустхон бештар вақт ва намунаҳо дода мешавад.



**ХУЛОСА МЕКУНЕМ** – таҳияи таъриф, қоида.

Ба хонандагон имконият дода мешавад, ки таъриф, қоида ё усулеро, ки дар марҳалаи қаблӣ таҳия кардаанд, дар вазъияти нав (мушкилоти нав, матн, супориш ва ғайра) татбиқ кунанд. Дар натиҷа, хонандагон мулоҳиза мекунанд, ки оё таъриф (қоида)-и таҳиякардаи онҳо татбиқшаванда аст ё на, агар не, онҳо аз нав ба таъриф бармегарданд ва онро тағйир медиҳанд. Дар охири марҳалаи «Хулоса мекунем» хонандагон таъриф (қоида)-и худро дар қолиби муайян баён мекунанд.

Ҷамъбасти марҳалаи «Мушоҳида мекунем» метавонад, бо суханҳои умумӣ баён карда шавад, аммо ҷамъбасти марҳалаи «Хулоса мекунем» бо услуби илмӣ баён мегардад.

Ба хонандагон имконият додан лозим аст, ки пеш аз хулосаи ниҳоӣ баровардан, яъне, таъриф ё қоида, равиши фаъолияти худро дар дарс татбиқ кунанд.



**ТАТБИҚ МЕКУНЕМ** – дар амал нишон додани донишҳои бадастоварда.

Баъд аз он ки дар таъриф/қоида тавассути равишҳои гуногун аломатҳои мавзуи матраҳшаванда муайян шуданд, хонандагон онро тавассути супоришҳои дигар татбиқ мекунанд. Мақсади ин марҳала мукаммал кардани дониши хонандагон роҷеъ ба мавзуи омӯхташон мебошад.

Дар марҳалаи «Татбиқ мекунем» хонандагон бо супоришҳои гуногун, ки ба такмили дониши онҳо ёрӣ дода метавонанд, таъмин карда мешаванд. Хеле муҳим аст, ки аз тарафи омӯзгор дар ин марҳала қобилияти хонандагон санҷида шавад, зеро ӯ метавонад, дар ин қисми дарс лаёқати азхудкунии мавзуъро аз ҷониби хонандагон назорат кунад.

Ҳангоми кор дар ин марҳала хонандагон метавонанд, ба марҳалаи «Хулоса мекунем» баргарданд ва баъзе таърифҳо/қоидаҳо/стратегияҳои қаблан муайяншударо аз нав дида бароянд.



**МУЛОҲИЗА МЕКУНЕМ** – имкони мулоҳиза дар бораи маълумоти бадастоварда.

Дар марҳалаи ниҳоӣ хонандагон бояд ҳам дар бораи раванд ва ҳам дар бораи натиҷаи омӯзиши худ фикр кунанд:

– То чӣ андоза онҳо мувофиқи меъёрҳои талабот амал карданд?
– Иҷрои кадом амалро (чиро) омӯхтанд?

– Ба кадом ғалатҳо роҳ доданд ва чаро?

– Ба кадом савол ҷавоб наёфтанд?

Шояд ягон истисное барои таърифҳо/қоидаҳо/стратегияҳо мушоҳида кардаанд. Хонандагон ҷавобҳои худро ба саволҳои калидие, ки дар марҳалаи «Мулоҳиза мекунем» дода шудаанд, муҳокима мекунанд. Натиҷаи он метавонад ба ҳадафҳои омӯзиши минбаъда бипайвандад ва ё як ишора ба ҳалли мушкилоти наве дар мавзуи нав гардад.

**Супориши фарогир**: Ба хонандагоне, ки шарти супоришро мустақилона хонда дарк карда наметавонанд, ҳамсинфон ва ё худи омӯзгор ёрӣ мерасонанд.

**Мавод:** дафтари кории хонанда, варақчаҳо, расмҳо.

**Гурӯҳбандии** аз 4 то 6-нафара пеш аз оғози дарс омода карда мешавад. Омӯзгор бояд кӯшиш кунад, ки ҳар як супоришро худи хонандагон хонда дарк намоянд.

**Пешгӯйиҳо:** Дар ҳолати набудани шароити гурӯҳбандӣ, ҳар кадом бо ҳамнишини худ, бо ҳамнишинони мизи дар қафобуда рӯ ба рӯ қарор мегиранд ва як гурӯҳи чорнафараро ташкил мекунанд.



**Чаро саволҳои калидӣ лозиманд?** Саволи калидӣ хонандагонро ба амиқтар фикр кардан водор намуда, шавқи онҳоро барои омӯхтан ва расидан ба натиҷаи омӯзиш бармеангезад.



Хонандагонро барои иҷрои талаботи супоришҳо роҳнамоӣ кунед. Аввал худи хонандагон талаботи супоришро хомӯшона хонанд, сипас аз ду-се нафар хоҳиш кунед, ки талаботи супоришро шарҳ диҳанд. Барои мутмаин шудан, ки хонандагон талаботи супоришро фаҳмидаанд, шарти супоришро бори дигар шарҳ диҳед.

Ба хонандагоне, ки қобилияти суст доранд, супориш ва шарти иҷрои онро бори дигар фаҳмонед. Мутмаин шавед, ки шарти супоришро дуруст дарк карда бошанд.

**Таъкид**:

- Дастури пешниҳодшуда ҳамеша имкони эҷодкорӣ медиҳад. Дар дастури мазкур ҳар як супориш ба таври мушаххас пешниҳод гашта, вақти иҷро тахминӣ нишон дода шудааст. Ҳар мавзуъ, ки дар дохили худ зермавзуъҳо низ дорад, барои се-чор соат пешбинӣ шудааст, аммо ҳудуди соатҳои дарсӣ нишон дода нашудааст. Зеро имкон дорад, ки вобаста ба фаҳмиши хонандагон ва истифодаи равишҳои таълимӣ, вақти иҷрои супоришҳо камтар ё бештар карда шавад. Оғоз ва анҷоми ҳар як соати дарс низ метавонад якхела набошад. Аз аз ин рӯ охири ҳар як соат ва супориши хонагӣ ба салоҳияти омӯзгор ва хонандагон вогузор шудааст.
- *Дар огози ҳар як фасл бо мақсади мутобиқ кардани мавзуъ ба ҳаёти воқеӣ пеш аз супориши 1 масъалаи ҳалталабе пешниҳод мегардад ва хонандагонро ба ҳалли он водор месозад. Хоҳиш мекунем, ки пеш аз огози марҳалаи «Кӯшиш мекунем» худи шумо матни масъалаи ҳалталабро ба ҳаёти хонандагон мутобиқ карда, содатар фаҳмонед. Баъдан, хонандагонро водор кунед, ки он матнро мустақилона хонда, бо роҳи муҳокима ба саволҳои пешниҳодшуда ҷавоб диҳанд.*
- Ҳангоми иҷро ва муҳокима кардани супориши 1 дар марҳилаи *«Кӯшиш мекунем»* хонандагонро ҳеҷ гоҳ барои ёфтани ҷавоби дуруст роҳнамоӣ накунед. Бигзор, онро ҳар як хонанда мустақилона иҷро кунад. Аз ғалат ва ё мушкилии худ хонандагон дар анҷоми марҳилаи *«Кӯшиш мекунем»* огоҳ гашта, саволи калидиро барои омӯзиши он таҳия мекунанд. Марҳилаи *«Кӯшиш мекунем»* баёни мавзуи нав нест, он санҷиши дониш ва ё салоҳияти хонандагон дар робита ба мавзуи нав мебошад.

- **Муҳокима.** Дар иҷрои супоришҳо дар марҳилаҳои *«Мушоҳида мекунем», «Хулоса мекунем» ва «Татбиқ мекунем»* ба хонандагон аввал вақт диҳед, то супоришро мустақилона иҷро кунанд. Ҷадвалро пур кунанд, хулосаро такмил диҳанд ва супоришҳои дигарро вобаста ба шакли кори пешниҳодгашта иҷро кунанд. Баъд аз иҷрои ҳар як супориш хонандагонро ба муҳокима (аҳли синф) даъват кунед. Ҷавобҳояшонро худи

хонандагон муқоиса ва муҳокима кунанд. Агар хонандагон дар хулосаҳо ғалат кунанд, омӯзгор ҷавобҳоро байни хонандагон муҳокима карда, онҳоро ба ҷавоби дуруст роҳнамоӣ мекунад.

- Дар синф хонандагоне ҳастанд, ки ҷавоби дурустро пешниҳод мекунанд. Бо ёрии онҳо хонандагони дигарро, ки ҷавоби нодуруст доранд, барои расидан ба ҷавоби дуруст роҳнамоӣ кунед. Агар ҷавоби дурустро дар ҷавобҳои хонандагон мушоҳида накардед, худи шумо (омӯзгор) ба хонандагон ҷавоби дурустро пешниҳод кунед. Баъд аз муҳокима хонандагон метавонанд дар ҷавобҳои худ тағйирот ворид карда, ғалатҳоро ислоҳ намоянд.
- *Ба хонандагон дар марҳалаи «Татбиқ мекунем» барои баррасӣ кардани натиҷаҳои омӯзиш вақт дода мешавад. Хонандагон натиҷаҳоро мустақилона хонда, барои ҳар яки он аз супоришҳои иҷрокардаашон мисол меоранд. Агар хонанда ҳадаферо ба даст наоварда бошад, метавонад, онро ишора намояд ва аз омӯзгор мадад пурсад.*
- Иҷрои супоришҳо дар марҳалаи *«Мулоҳиза мекунем»* ба таври инфиродӣ сурат гирифта, баъдан дар гурӯҳҳо муҳокима карда мешавад. Хонандагон таъриф, хулоса ва қоидаҳоро дар гурӯҳҳо баррасӣ мекунанд. Омӯзгор кори гурӯҳҳоро мушоҳида карда, ҷавобҳои нодурустро ислоҳ мекунад. Онҳо ба саволи калидӣ баргашта, ҷавобро муҳокима мекунанд ва сипас онро менависанд.
- **Хударзёбӣ:** Хонандагон дар анҷоми ҳар як марҳалаи *«Мулоҳиза мекунем» худро вобаста ба натиҷаҳои омӯзиши фасл, арзёбӣ мекунанд. Пеш аз оғози арзёбӣ ба хонандагон таъкид карда мешавад, ки натиҷаи арзёбияшон ба баҳои онҳо таъсир намерасонад. Ҳангоми хударзёбӣ хонандагон бояд ба дурустии ҷавобҳои худ мутмаин бошанд. Бинобар ин қаблан ҳар як сутунро бодиққат хонда, аломати лозимаро гузоранд.* Дар ҳолати ҳоло ҳам мушкилӣ доштан ва ё на он қадар мутмаин будан ба арзёбии худ, онҳо метавонанд ба рафиқи худ, гурӯҳи хонандагон ва ё омӯзгор муроҷиат кунанд.
- **Қоидаи муҳокима:** Хонандагон савол ва ҷавоби навиштаи худро бо ҳамсинфонашон мубодила мекунанд. Ҳар як савол ва ҷавоб дар синф танҳо як ё ду маротиба хонда мешавад. Хонандагони дигар ба он розӣ будан ва ё набудани худро баён карда, сабаби розӣ будан ё набуданашонро низ шарҳ медиҳанд. Дар натиҷа, бо ёрии омӯзгор ба ҷавоби умумии ҳар як савол муваффақ мешаванд.

**ЭЗОҲ:**

**Арзёбии ҷамъбастӣ.** Баъд аз анҷоми ҳар як фасл варақа (китобча)-и «Арзёбӣ» ба хонандагон тақсим карда мешавад. Хонандагон арзёбии ҷамъбастиро дар муддати як дарс дар синф мустақилона иҷро мекунанд. Сипас варақаҳои арзёбӣ ба омӯзгор баргардонда мешавад.

**Савол ва супориш баъд аз арзёбӣ.**

2. Омӯзгор ҳангоми тафтиш кардани арзёбии хонанда, бояд ғалатҳоро ислоҳ накарда, ба он танҳо ишорат кунад. Вобаста ба холҳо, баҳои хонандаро муайян карда, сипас дар журнали синф баҳогузорӣ намояд.

3. Пас аз ҳар як арзёбии ҷамъбастӣ як соат кор бо ғалатҳо дода шудааст. Дар ин соат хонандагон бо ғалатҳои худ кор мекунанд. Онҳо то чӣ андоза аз натиҷаи арзёбии худ қаноатманд буданашонро қайд мекунанд. Онҳо ғалатҳои худро аз рӯйи натиҷаҳои омӯзиш таҳлил мекунанд. Ҳар як хонанда ғалатҳои худро дар дафтари кории худ мустақилона ислоҳ мекунад. Агар лозим донанд, аз рафиқи худ, аз гурӯҳи хонандагон ва аз омӯзгор ёрӣ мепурсад.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Масъалагузорӣ – оғози омӯзиш аз мушкилоти ҳаётӣ**
   - Дарс бо масъалаи ҳалталаб оғоз мешавад, ки ба ҳаёти хонандагон алоқаманд аст.
   - Хонандагон кӯшиш мекунанд, ки мушкилро мустақилона ҳал кунанд, норасоии донишро дарк менамоянд ва саволҳои калидӣ таҳия мекунанд.
   - Омӯзгор ба таҳлили мушкилот роҳнамоӣ мекунад, на ба пешниҳоди ҷавоб.

2. **Мушоҳида – таҳлили пайдарпай ва кашфи меъёрҳо**
   - Хонандагон бо истифода аз намунаҳо хусусиятҳои мавзуъро мушоҳида мекунанд.
   - Саволҳои кушода, занҷирҳои мантиқӣ ва роҳнамоии омӯзгор ба таҳияи қоидаҳо мусоидат мекунанд.
   - Барои хонандагони сустхон шароити иловагӣ фароҳам оварда мешавад.

3. **Хулосабарорӣ – сохтани таъриф ва санҷиши татбиқ**
   - Хонандагон таъриф ё қоидаи мушоҳидашударо дар вазъияти нав татбиқ мекунанд.
   - Дар сурати номуваффақ будан, онҳо қоидаро бозбинӣ ва такмил медиҳанд.
   - Ҷамъбаст бо услуби илмӣ сурат мегирад ва ба фаҳмиши амиқ мусоидат мекунад.

4. **Татбиқ – истифодаи дониш дар амал ва санҷиши фаҳмиш**
   - Хонандагон донишҳои бадастомадаро дар супоришҳои нав татбиқ мекунанд.
   - Омӯзгор қобилияти азхудкунии мавзуъро назорат мекунад ва дар ҳолати зарурӣ ба марҳалаи хулоса бармегарданд.
   - Ин марҳала фаҳмишро мукаммал ва устувор месозад.

5. **Мулоҳиза – арзёбии раванд ва худфаъолиятии хонанда**
   - Хонандагон раванди омӯзиш ва натиҷаҳоро (ғалатҳо, саволҳои беҷавоб, истисноҳо)-ро таҳлил мекунанд:
   - Саволҳои калидӣ муҳокима мешаванд, хударзёбӣ сурат мегирад.
   - Омӯзгор муҳокимаро роҳнамоӣ мекунад ва хонандагон ҷавобҳои худро такмил медиҳанд.

6. **Ташкили муҳити омӯзиш – шароити мусоид барои фаҳмиш ва ҳамкорӣ**
   - Гурӯҳбандии пешакӣ, дастрасии мавод, роҳнамоии равшан ва муҳокимаи дастаҷамъона ба фаҳмиши амиқ мусоидат мекунанд.
   - Саволҳои калидӣ ҳамчун воситаи таҳрикдиҳандаи фикр ва омӯзиш истифода мешаванд.
   - Омӯзгор бояд равандро назорат кунад, на натиҷаро, ва ба хонандагон имкони эҷодкорӣ диҳад.

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳӣ**

*Ақидаеро, ки ба шумо писандас аст, ишора кунед.*

| Саволҳо | Бале | Не | Қисман |
|---|---|---|---|
| 1. Ман дарк мекунам, ки масъалагузорӣ дар оғози дарс на барои шарҳи мавзуъ, балки барои таҳрики фикр ва таҳлили хонандагон аст. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Ман медонам, ки саволҳои калидӣ дар дарс чӣ гуна таҳия мешаванд ва чӣ нақш доранд. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Ман ба хонандагон имконият медиҳам, ки қоидаҳои таҳиякардаашонро дар вазъиятҳои нав санҷанд ва бозбинӣ кунанд. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Ман медонам, ки татбиқи дониш дар амал бояд бо супоришҳои гуногун ва назорати қобилият ҳамроҳ бошад. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Ман марҳалаи “Мулоҳиза мекунем”-ро ҳамчун фурсати хударзёбӣ ва таҳлили раванд истифода мебарам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Ман дар муҳокимаи гурӯҳӣ ба хонандагон имконият медиҳам, ки фикрҳои худро иброз кунанд ва хулосаҳои худро такмил диҳанд. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 7.Ман супоришҳоро мувофиқи синф, шароит ва сатҳи хонандагон мутобиқ месозам, на аз рӯйи қолаби умумӣ. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 8. Ман дар муҳити корӣ имкони мубодилаи таҷриба ва муҳокимаи мушкилотро дорам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 9. Ман эҳсос мекунам, ки дар татбиқи равиши нав, назари ман ҳамчун омӯзгор арзиш дорад. | ☐ | ☐ | ☐ |

**Муҳокимаи ҷавобҳо бо ҳамкорон:** Дар кадом саволҳо фикрҳо мувофиқанд? Дар кадоме тафовут ҳаст? Шумо чиро дигаргун мекардед? Кадом нуқтаҳо ба такмили малакаи методии шумо ниёз доранд?

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Дарки ғояҳои асосӣ:**

**Чӣ чизи нав ё муҳим дар бораи китоби дарсии насли нав барои таълими забони тоҷикӣ дар шароити муосир барои худ гирифтед?** *(Чӣ ғайричашмдошт, дақиқ ё, баръакс, шубҳаовар барои шумо буд?)*

**Аз шиносоӣ бо дарси амалӣ дар ботинатон чӣ мувофиқат ё норозигӣ ба вуҷуд омад? Чаро?** *(Шояд, ин як андеша, мисол ё мушоҳидае буд?)*

**Кадом супориш, равиш ё навъи фаъолият дар китоб бештар дар хотиратон монд? Чаро?** *(Чӣ барои шумо ҷолиб буд? Дар кадом лаҳза шумо ҳамчун омӯзгор фаъолтар шудед?)*

**Аз рӯйи ин китоб кадом душвориҳо ё саволҳо дар шумо пайдо шуданд?** *(Чиро муфассалтар муҳокима кардан, дар бораи чӣ бештар донистан ё дар дарсҳои мушаххас чиро дидан мехостед?)*

**Аз шиносоӣ бо ин китоб ҳамчун омӯзгор бо худ чӣ мебаред?** *(Дар бораи чӣ пас аз машғулият фикр мекунед?)*

**Ин китоб то кадом андоза ба шумо дар татбиқи равиши босалоҳият дар дарс кумак хоҳад кард?** *(Оё супоришҳо, равишҳо ва забони китоб ба воқеияти синф мувофиқанд?)*

Шакли кор: Муҳокима дар гурӯҳҳои хурд ё дунафарӣ.

---

## II. Ҷумларо ба охир расонед:

- «Пас аз ин дарс ман фаҳмидам, ки…» ё
- «Ҳоло ман ба … дигар гуна нигоҳ мекунам.»

Шакли кор: як супоришро интихоб кунед ва хаттӣ ҷавоб диҳед.

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳӣ**

*Як ё якчанд ҷавоби дурустро қайд кунед.*

1. **Марҳалаи “Кӯшиш мекунем”**

☐ Ман дарсро бо масъалаи ҳаётӣ оғоз мекунам, на бо шарҳи мавзуъ
☐ Хонандагон мустақилона кӯшиш мекунанд, ки мушкилро ҳал кунанд.
☐ Саволҳои калидиро худи хонандагон таҳия мекунанд.
☐ Ман фавран ба хонандагон ҷавоби дурустро пешниҳод мекунам.

**2. Марҳалаи “Мушоҳида мекунем”**

☐ Хонандагон хусусиятҳои мавзуъро тавассути намунаҳо мушоҳида мекунанд.
☐ Ман қоидаҳоро шарҳ медиҳам, хонандагон танҳо гӯш мекунанд.
☐ Саволҳои кушод ва занҷирҳои мантиқӣ барои таҳлили мавод истифода мешаванд.
☐ Хонандагон қоидаҳоро бо суханони худ таҳия мекунанд.

**3. Марҳалаи “Хулоса мекунем”**

☐ Хонандагон таъриф ё қоидаи таҳиякардаашонро дар вазъияти нав татбиқ мекунанд.
☐ Агар қоида татбиқ нашавад, хонандагон онро бозбинӣ мекунанд.
☐ Ман хулосаро бо услуби илмӣ ҷамъбаст мекунам.
☐ Хонандагон танҳо қоидаи омодаи омӯзгорро менависанд.

**4. Марҳалаи “Татбиқ мекунем”**

☐ Хонандагон донишҳои бадастомадаро дар супоришҳои нав истифода мебаранд.
☐ Ман қобилияти азхудкунии мавзуъро назорат мекунам.
☐ Хонандагон ба марҳалаи “Хулоса мекунем” бармегарданд.
☐ Супоришҳо танҳо барои санҷиш истифода мешаванд.

**5. Марҳалаи “Мулоҳиза мекунем”**

☐ Хонандагон раванди омӯзиш ва натиҷаҳоро таҳлил мекунанд.
☐ Саволҳои калидӣ муҳокима мешаванд ва хударзёбӣ сурат мегирад.
☐ Ман муҳокимаро роҳнамоӣ мекунам, на ҳукм медиҳам.
☐ Хонандагон танҳо баҳо мегиранд, на фаҳмишро арзёбӣ мекунанд.

## Адабиёт ва сарчашмаҳо


1. Бобомуродова, М. Дастури методӣ аз методикаи таълими забони тоҷикӣ – Душанбе: ҶДММ “ЭР-граф”, 2025. – 344 с.
2. Забони тоҷикӣ. Дафтари хонанда барои синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Қисмҳои 1-2 / Набизода Саида, Саломиён Муҳаммаддовуд ва дигарон /, Душанбе - «Маориф»- 2024.
3. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. / Набизода Саида, Саломиён Муҳаммаддовуд ва дигарон /, – Душанбе: Маориф, 2024. – 136 саҳ.
4. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2021.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ (2024) — дар бораи ислоҳоти маориф, рақамикунонӣ ва рушди сармояи инсонӣ.
6. Рустамов Қ. Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 388 с.
7. Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI. (Муаллифон: Аминов С., Мухторӣ Қ., Тошбоева З., Мирзоёров Ф).
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
9. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
10. (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ шудааст).
11. Ҳоҷиев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. -400 с.
12. Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024.
13. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. – Душанбе: «Бухоро», 2016. – 488 с.
14. Шербоев С. Практикуми забони тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 208 с.
15. Маҷаллаи «Омӯзгор ва замон». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. – Душанбе, дастрас аз: https://takmili-ihtisos.tj/?page_id=1309.
16. Маҷаллаи «Омӯзгори муосир». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе.
17. Маҷаллаи «Роҳнамои омӯзгор». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон.

**Сомонаҳои интернетӣ:**

1. Вазорати маориф ва илми ҶТ. Барномаҳо, стратегияҳо ва хабарҳои расмӣ: https\\maorif.tj

## КИТОБҲОИ ДАРСИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ СИНФҲОИ 5 -11

| Т/р | **Номи китоб** | **Муаллифон** | **Соли нашр** | **Нашриёт** |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Забони тоҷикӣ. Синфи 5 | С.Набизода, Ш. Бобомуродов, С. Сабзаев. | 2023 | «Маориф» |
| 2. | Забони тоҷикӣ. Синфи 6 | С. Анварӣ, А. Мирзоев, А. Ғаффоров | 2023 | «Маориф» |
| 3. | Забони тоҷикӣ. Синфи 7 | | | «Маориф» |
| 4. | Забони тоҷикӣ. Синфи 8 | Аминов С. | 2023 | «Маориф» |
| 5. | Забони тоҷикӣ. Синфи 9 | | | «Маориф» |
| 6. | Забони тоҷикӣ. Синфи 10 | | | «Маориф» |
| 7. | Забони тоҷикӣ. Синфи 11 | | | «Маориф» |